Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.tnu.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки баркароршавӣ, муътадилгардонӣ ва инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат дар сатҳи муайян аз накши давлат дар танзимкунии ҷараёнҳои такрористеҳсол вобастагӣ дорад. Табиатан, таъсисёбии қувваҳои истеҳсолкунандаи иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама, бо диверсификатсияи онҳо алоқаманд мебошад, ки мустақилият ва бехатарии иқтисодиётро таъмин менамояд. Дар ин ҷода кӯшишҳо оид ба таъсис додани иқтидорҳои худӣ доир ба истеҳсоли маҳсулоти пештар аз дигар мамлакатҳо воридмешуда, ҳамчунин, масъалаҳои худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ, захираҳои энергетикӣ ва гайраҳо, ки ба стратегияи воридотивазкунӣ шомил ҳастанд, асоснок карда мешаванд. Дар ҳақиқат, воридотивазкуние, ки ба манфиатҳои миллӣ ҷавобгӯ мебошад, метавонад ба пастшавии дараҷаи вобастагии беруна оварда расонад.

Мавқеи давлатро дар амалисозии барномаи рушди иқтисодии воридотивазкунӣ ва дар индустриализатсияшавии мамлакатҳои тараққикардаистода мушоҳида карда, қайд кардан зарур аст, ки ин чорабинӣ дар марҳилаҳои аввалини таъсисёбии иқтисодиёти миллӣ баъд аз раҳоӣ аз калонияҳо ва дар шароити сатҳи пасти истеъмолоти аҳолӣ бомуваффақ буд. Дар мамлакатҳои тараққикардаистода, камбизоатӣ ҳамчун одат ба истеъмоли маҷмӯи молҳои аввалиндараҷа баромад мекунад. Чунин шароит бо он асос меёбад, ки табақаи камбизоати аҳолӣ асосан ба истеҳсолоти маҳаллӣ рӯ меоранд ва аз ҳамин сабаб сабати истеъмолӣ хеле маҳдуд мегардад. Дар марҳилаҳои аввалини тараққиёти пас аз озодшавӣ аз калонияҳо, дар мамлакатҳои тараққикардаистода чунин ҳолат ба ҳукумат фаъолияи озодро таъмин намуд. Дар шароити одат кардани аҳолӣ ба молҳои хориҷӣ ва маҳдуд намудани воридоти онҳо ба мамлакат ниҳоят мушкил аст. Бешубҳа ин ҳолат ба афзоиши бозори пинҳонӣ, қочоқ ва дар охир ба васеъшавии ҳаҷми иқтисодиёти пинҳонӣ оварда мерасонад. Ҷараёни ҷаҳонишавӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон дар ҳолати васеъшавии ҳаҷм ва сатҳи таъсири корпоратсияҳои трансмиллӣ

(ТНК) метавонад самараи намоиширо пурзӯр намуда, ба шиддатёбии вазъи иҷтимоӣ дар ҳолати воридотивазкунии тӯлонӣ сабаб шавад.

Дар баробари ин, муҳиммияти махсусро масоили такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир касб менамоянд. Масоили махсус дар шароити таҷрибаи ватанӣ аҳамияти махсусро бо назардошти татбиқи стратегияву барномаҳои қабулгардида, ва ҳаҷми афзоёндаи истеъмоли молу маҳсулоти саноати хӯрокворӣ касб намуда истодааст.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Қурбонзода А.А., дар мавзуи: «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика), хеле актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили аз ҷониби муаллиф, доир ба вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон бо назардошти ҷараёни татбиқшавии механизмҳои таъмини молиявӣ гузаронидашуда, имкон фароҳам меорад, ки диққати асосӣ ба истифодаи механизми молиявии гуногунаҳамият дар сохтори соҳавии саноати мамлакат дод шуда, хусусиятҳои истифодаи механизми молиявии қарзӣ, субсидикунонӣ ва дагар дастгириву ташаббусу ҳавасмандиҳои молиявии давлатӣ муайян ва ҳамаҷониба омӯхта шуда, сатҳи зарурии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати мамлакат муйян карда шавад.

Ҷолиби диққат, методикаи ҳисоби самаранокии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣи мамлакат, ки аз ҷониби муаллиф мавриди истифода қарор гирифтааст, ба ҳисоб меравад, ки тавассути модели иқтисодӣ-риёзии таҳия гардида, алоқамандӣ ва вобастагии омилҳои асосии такмилдиҳии механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ошкор гардидааст.

Дар баробари ин, автореферати диссертатсия аз баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо орӣ нест. Дар миёни онҳо, метавон ба норасогиҳо ва камбудиҳои зерин ишора намуд:

1. Дар мавзуи диссертатсия ибораи «истеҳсолоти воридотивазкунанда» оварда шудааст, вале дар рисола қариб, ки гурӯҳбандии молҳои истеҳсолии воридотиивазкунандаи саноати хӯрокворӣ дида нашуда, самаранокии онҳо дар коҳишёбии қисмати воридотии молу маҳсулотҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда арзёбӣ нагардидааст.

2. Аз ҷониби муаллиф дар саҳифаи 14, автореферати диссертатсия гурӯҳбандии сарчашмаҳои молиявии саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир оварда шуда, вале мушаххас оварда нашудааст, ки дар шароити кунунӣ кадоме аз ин сарчашмаҳои молиявӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул ва самаранок мебошанд.

Дар баробари ин, эродҳои ишорагардида бартарии рисолаи илмии анҷомдодашударо коҳиш надода, диссертатсия аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷудбуда мебошад.

Дар маҷмуъ аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)», қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

Мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

Асоев Муфарах Мазоридинович

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, info@apa.tj, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Саид Носир,.33. Тел.: +992 (37) 224-17-86

Имзои н.и.и., дотсент Асоев Муфараҳ-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Зоирхонзода Фаромуз Зоирхон

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодии кишварҳои муосир мебошад. Барои рушди иқтисод ва коҳиш додани вобастагии молиявии кишвар аз воридот, таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда (ки ба ифодаи кӯмакҳои молиявӣ ба бахши истеҳсолот барои мубориза бо воридот пайваст мебошад) бояд такмил дода шавад. Механизми таъминоти молиявӣ барои истеҳсолоти воридотивазкунанда шомили як қатор омилҳо ва амалияҳои молиявии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Воридотивазкунӣ ба маънии рушди истеҳсолот ва таъмин кардани ниёзҳои дохилӣ тавассути истифодабарии манбаъҳои дохилӣ ва такмил додани соҳаҳои стратегӣ ба ҳисоб меравад.

Барои такмили механизмҳо метавон як қатор чорабиниҳоро дар назар гирифт, ки онҳо метавонанд ба ин раванд кӯмак расонанд, ки муаллифи автореферат дар раванди таҳқиқотҳои худ қариб ҳамаи онҳоро мавриди муҳокима қарор додааст.

Дар баробари ҳамаи ин, натиҷаи таҳқиқотҳои муаллиф собит намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти таъмини бозори ватанӣ бо маҳсулоти хӯрока ва устуворгардонии рақобатпазирии саноати хӯрокворӣ дар бозорҳои дохила ва беруна, ба такмили саривақтӣ ва истифодаи оқилонаи механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ алоқамандии зич дошта, бо мақсади мусоидат намудан ба татбиқи ҳадафҳои олии мамлакат, равишҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳияи усулҳои мақсаднок, арзёбии иқтисодии бомаврид, модели мушаххаси иқтисодӣ-

риёзӣ ва инчунин стратегияи зарурии такмили механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат ба таври кофӣ таҳия ва ба тавсиб нарасидааст, ки ҳамаи инҳоро Қурбонзода А.А. бо далелҳои амиқ дар таҳқиқоти мазкур асоснок кардааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар саҳифаи 12-уми автореферат дар расми 1-ум оид ба фарзияи заминавӣ ва назариявии мафҳуми воридотивазкунӣ дар шароити муосирро дида баромадааст, аммо сохторҳои таркибии ин расм дар автореферат возеҳу равшан ба пуррагӣ кушода нашудаанд;
2. Ҷадвали 3-уми автореферат ба ҳаҷми сармоягузориҳо ба намудҳои асосии маҳсулоти саноати хӯроквории Тоҷикистон дар соли 2022 бахшида шудааст, хуб мешуд, агар муаллиф дар тамоюли мазкур дигар зерсохторҳои маҳсулоти саноатиро низ мавриди баррасӣ қарор медод.

Камбудӣ ва норасоиҳои номбаргардида қимати назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хислати пешниҳодӣ (ё маслиҳатӣ) доранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда: н.и.и., дотсент**
**декани Факултети технологияҳои**
**иттилоотӣ ва интеллекти сунъии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Нусратзода М.Н.**

Имзои н.и.и., дотсент Нусратзода М.Н.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори Раёсати кадрҳо,**
**коргузорӣ ва назорати ДТТ** **Раҳматулло Нусратулло**
**«__» _____2025 сол.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3, +992(37) 234-79-87.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзӯи “Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсоли воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодёт (6D050607- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод карда шудааст**

Дар раванди рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистон аз арзёбии ҳаҷми истеҳсолу истеъмол, воридоту содироти маҳсулоти хӯрокворӣ ва савдои беруна бар меояд, ки вобастағии бозори дохиларо аз маҳсулоти хӯроквории беруна зиёд гардонид. Дар ин раванд нокифоягии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти воридшаванда, бо назардошти мунтазам болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ пешниҳоди механизмҳои муассири молиявие, ки ба худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ, коҳиш додани ҳаҷми воридоти ин маҳсулот ба Тоҷикистон мусоидат менамояд, афзун мегардад.

Аз арзёбии рушди имкониятҳои воридотии саноати хӯроквории мамлакат бар меояд, ки он натанҳо дар ҳаҷму миқдори механизми таъмини молиявӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандиҳои давлатӣ зоҳир гардида, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат муҳим дониста мешавад. Мутаасифона на ҳама ҷабҳаҳои назариявӣ, илмию амалӣ ва амалии ҳалли ин масоили барои Тоҷикистон муҳим ба пуррагӣ омухта нашудааст ва пешбурди таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамояд. Аз ин рӯ такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсоли воридотивазкунанда дар шароити муосир муҳим дониста шуда, мавзӯи таҳқиқшаванда актуалӣ ҳисобида мешавад.

Дар асоси омузиши автореферати диссертатсия муайян намудем, ки муаллиф дар раванди иҷрои он аз асарҳои илмии олимони хориҷии дуру наздик ва ватанӣ сарчашма гирифта фаровон истифода бурдааст ва такмили ақидаҳои назариявӣ ва асоснок намудани баҳсҳои илмииро ҳамчун категорияи иқтисодӣ дида баромадаст.

Дар автореферат ба муайянсозии сарчашмаҳои асосии механизми молиявӣ ва гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи хусусият ва таъиноташон дар раванди такмили механизми таъмини молиявии саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир дида баромада шудааст.

Ба муайян намудани ҷараёни татбиқшавии механизмҳои таъмини молиявӣ ва ошкор намудани тавсифи истифодабарии механизмҳои қарзӣ, субсидиякунонӣ ва дигар механизмҳо ҳангоми таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти саноати хӯрокворӣ диққати махсус дода шуда, таҳлили қиёсии истифодаи механизми молиявии давлатӣ бо назардошти нишондиҳандаҳои ба воридотивазкунӣ алоқаманд буда, ҳаҷми истеҳсол, истеъмол, миқдори маҳсулоти хӯрокворӣи воридшаванда, ҳаҷми сармоягузориҳо ва муайянсозии тавозуни воридоту содиротии маҳсулоту ашёи хоми саноати хӯрокворӣ ба анҷом расонида шудааст.

Дар сатҳи зарурӣ коркарди методикаи ҳисоби самаранокии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ба анҷом расонида шуда, таҳияи модели иқтисодӣ-риёзӣ ваояндабинии раванди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда ва дар заминаи ин пешниҳод намудани равиши стратегии такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣи Тоҷикистон дар шароити муосир сурат гирифтааст.

Новобаста ба бартариятҳо автореферат аз камбудӣ холӣ намебошад.

1. Дар адабиёти муосири илмӣ нисбати равишҳои назариявӣ-методии такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсоли воридотивазкунанда имруз фикру ақидаҳои зиёде мавҷуд мебошанд. Мутаасифона ҳангоми таҳқиқ ҳамкории давлат, соҳаҳои ҷудогона ва бахши хусусӣ, инчунин, тамоюлҳои минбаъдаи он аз назари муаллиф каме дур мондааст.

2. Дар диссертатсия тавсияҳои амалӣ ҷиҳати дастгирии давлатии таъминоти молиявии истеҳсоли воридотивазкунанда дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ асоснок ва баҳо дода нашудааст.

Эродҳои овардашуда моҳият ва мазмуни диссертатсияи иҷрогардидаро маҳдуд наменамояд. Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмуни мундаричаи асосии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Аз таҳлили автореферат бар меояд, ки диссертатсия ба бандҳои Шиносномаи тахассусҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодёт (6D050607- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пурра мутобиқат менамояд.

Дар маҷмӯ кори диссертатсионии тақризшаванда анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба

талаботи мукарраргардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодёт (6D050607- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дода шавад.

**Тақриздиҳанда,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи фаъолияти**
**гумруки ДДТТ** **Раҷабов Раҷаб Кӯчакович**

**Сурогаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, Телефон: +992(37) 234-83-46 , +992(37) 234-85-46, (+992)934444107 (м.). E-mail: drrajab@mail.ru, www: www.tguk.tj.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**

Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

Имрӯзҳо ба масъалаи муҳими рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ Ҳукумати мамлакат диққати бештар зоҳир намуда истодааст. Аз ҷумла, дар ин росто ҷиҳати ҳалли ин масъала стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ, таҳқиқоти илмии гуногунравия, барномаҳои махсуси соҳавӣ ва лоиҳаҳои мақсаднок бо назардошти механизми таъминоти молиявӣ, дастгириҳо, ҳавасмандиҳо ва ташаббусҳои алоҳидаи давлатӣ сафарбар карда шуда бошад ҳам, лекин то ҳол масъалаи мазкур вобаста ба дигаргуншавиҳои муносибатҳои иқтисодӣ ва зарур гардидани таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат, роҳи ҳалли пурраи худро наёфтааст. Аз ин сабаб, муҳимияти мавзуи таҳқиқот дар тавсияи фарзияҳои нави илмӣ, инчунин асоснок намудани паҳлӯҳои назариявии онҳо дар асоси тағйирёбии муносибатҳо ва қонуниятҳои иқтисодӣ, таҳлили қиёсӣ ва ояндабинии нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодӣ, ҷиҳати пайдо намудани сарчашмаву механизми нави таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат асос меёбад.

Дастовардҳои рушди иқтисодиёти соҳаи саноат собит менамоянд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти таъмини бозори ватанӣ бо маҳсулоти хӯрока ва устуворгардонии рақобатпазирии саноати хӯроквории дар бозорҳои дохила ва беруна, ба такмили саривақтӣ ва истифодаи оқилонаи механизми таъмини молиявии истеҳсолоти

воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ алоқамандии зич дошта, бо мақсади мусоидат намудан ба татбиқи ҳадафҳои олии мамлакат, равишҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳияи усулҳои мақсаднок, арзёбии иқтисодии бомаврид, модели мушаххаси иқтисодӣ-риёзӣ ва инчунин стратегияи зарурии такмили механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворении мамлакат ба таври кофӣ таҳия ва ба тавсиб нарасидааст, ки ин далелҳо муҳимияти мавзуи таҳқиқотро асоснок менамояд. Муҳаққиқ дар саҳифаи 13 қайд менамояд, ки ба ақидаи мо, вобаста ба шароитҳои бозорӣ ва шаклҳои моликиятдории Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми молиявии саноати хӯрокворӣ ин низоми шаклҳо, намудҳо ва усулҳои муносибатҳои молиявии аз тарафи давлат муқарракардашуда буда, ҷиҳати ташкил ва истифодаи самараноки захираҳои молиявии саноати хӯрокворӣ мебошад. Дар саҳифи 20 муҳаккик қайд намудааст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси нокифоягии захираҳои молиявӣ ва иқтидори пасти молиявии истеҳолоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, таъсири омилҳои гуногунаҳамияти сатҳи дохиливу беруна раванди такмилдиҳии механизми молиявии таъмини воридотивазкунии корхонаҳои саноати хӯрокворении мамлакат ғайри имкон мегардад. Аз ин лиҳоз, вобаста ба шароити имрӯзаи вазъи корхонаҳои саноати хӯрокворении мамлакат, назарияҳои мавҷудаи умуми иқтисодӣ, натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст оварда шуда, барои арзёбии иқтисодии иқтидори захиравии соҳаи саноати хӯрокворӣ дар заминаи рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда методикаи ҳисоби самаранокии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферати мазкур камбудиҳо низ ҷой доранд:

1.Хуб мешуд, агар муҳаққиқ сатҳи мувозинати воридоту содироти маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворении Тоҷикистонро, ки дар саҳифаи 19 афтореферат дар ҷадвали №4 оварда шудааст, бо диаграмма асоснок мекард.

2.Барои хубтар шудани сифати афторефератй диссертатсия муҳаққиқро мебояд такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаро бо назардошти кишварҳои хориҷӣ муфассалтар меомӯхт натиҷаи таҳқиқот хело мусбӣ ба даст меомад.

Эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти назариявӣ ва баҳои умумии кори илмиро коста намегардонанд. Ҳамин тариқ чунин меҳисобем, ки рисолаи илмии Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ҷавобгӯи талаботи низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
**н.и.и., дотсент мудири кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара** **Сафаров Қ.С.**

**Имзои Сафаров Қ.С.- ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара** **Тоирзода С.Т.**

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25,
Тел: (+992) 108707070,
E-mail: safarov.kalandar@mail.ru,
Сомона: http://dsu.tj/

**“ ” ______________________ 2025с.**

**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (73402, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)», аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

Чи гунае, ки дар матни автореферат қайд гардидааст, пайомадҳои бухрони ҷаҳонии молиявие, ки таъсирашро ба рушди иқтисодии бисёр мамлакатҳои чаҳон, бахусус ба мамлакатҳои иқтисодиёти рӯ ба инкишофдошта ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида истодааст, ба вайроншавии мувозинати ҳаҷми истеҳсолу истеъмол, воридоту содироти маҳсулоти хӯроквориӣ ва савдои беруна замина гузошта, вобастағии бозори дохиларо аз маҳсулоти хӯроквории беруна зиёд гардонид. Дар баробари ин, нокифоягии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти воридшаванда, ҳамзамон мунтазам болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ зарурати пайдо намудани механизмҳои муассири молиявие, ки ба худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ, ҳамзамон барои коҳиш додани ҳаҷми воридоти махсулоти хӯрокворӣ ба мамлакат мусоидат менамояд, зиёд мегардад.

Ҳамзамон дар шароити ҷаҳонишавии савдои байналмилалӣ ва воридоти мол дар рушди устувори иқтисоди милли нақши хеле муҳим мебозанд. Аммо ноустувории вазъи иқтисодии хориҷӣ ва тағйироти бозорҳои байналмилалӣ мутобиқшавии механизмҳои нави маблағгузориро тақозо мекунад. Бояд қайд кард, ки иқтисодиёти муосир бо ноустувории ҷаҳонӣ, ки дар натиҷаи таҳримҳои иқтисодӣ, тағирот дар сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва бӯҳронҳои сиёсӣ ба вуҷуд омадааст, дучор

меояд. Ин шартҳо аз воридкунандагон тақозо мекунанд, ки механизмҳои молиявиро барои кам кардани хатарҳо ва таъмини таъминоти бефосилаи мол мутобиқ кунанд. Тоҷикистон аз воридоти молҳо, бахусус дар соҳаҳое чун ғизо, масолеҳи сохтмонӣ, сӯзишворӣ ва мошинсозӣ вобастагии зиёд дорад. Ин вобастагӣ иқтисоди кишварро ба вуҷуд меорад, зеро ҳар гуна тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ ё шароити иқтисоди хориҷӣ метавонад ба иқтисоди миллӣ таъсири зиёд расонад.

Воридотивазкунӣ имкон медиҳад, ки ин хатарҳо коҳиш дода шаванд. Инчунин воридотивазкунӣ метавонад омили рушди саноат ва кишоварзӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум гардад. Ҷорӣ намудани сиёсати воридотивазкунӣ ба беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, аз қабили маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), иқтидори истеҳсолӣ ва иқтидори содиротӣ мусоидат мекунад. Аз ин нуктаи назар мавзуи пешниҳодгардида хеле рузмара барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар хулосаи автореферат муҳақиқ ҳар як бобро ба таври алоҳида натиҷагири кардааст, ки мазмуни пурраи мавзуи кори илмиро инъикос кардааст.

Бо вуҷуди ба талабот ҷавобгу будан, баъзе нуқсонҳо ва норасогиҳо дар автореферати рисола ба назар мерасанд:

1. Дар ҷадвали 3 ҳаҷми сармоягузориҳо ба намудҳои асосии маҳсулоти саноати хӯроквории Тоҷикистон дар соли 2022 оварда шудааст, хуб мешуд, ки омори сармоягузории ғайримустақим низ оварда шуда, мавриди таҳлил қарор дода мешуд.

2. Дар автореферати диссертатсия шарҳ ва тафсилоти тавсияҳо оид ба амалии натиҷаҳо, бахусус (банди 3-юм) возеҳ баён карда нашудааст, инчунин дар ин маврид мақсади муаллиф чандон равшан нагардидааст.

Ин эродҳо хусусияти тавсияви дошта, ба сифати кори илмӣ ва автореферат таъсир намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», кори ба анҷомрасидаи илмӣ буда, арзиши баланди илмӣ-назариявӣ дорад ва ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи рисола бошад барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) сазовор аст.

Муқарриз:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерӣ ва аудити
ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Шарифов З.Р.

Имзои профессор Шарифов З.Р.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Tel./Fax.: (992-372) 24-72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru